**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Собирзода Н.М. (раиси комисия), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонов А.К. (аъзо) ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н. (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 18.10.2024, суратмаҷлиси № 86а таъсис дода шудааст, диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддинро дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровардаанд:

1. **Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин – «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ», аз нигоҳи мубрамӣ хел муҳим буда, таҳқиқоти мукаммали илмии ба анҷом расида дониста шуда, натиҷаҳои илмии боарзиши муаллифро дар худ таҷассум менамояд. Он ба ҳалли мушкилоти муосири илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ-методӣ ва амалии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити татбиқи иқтисоди рақамӣ бахшида шудааст.

Муҳиммияти рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар иқтисодиёти рақамӣ ба тағйироти куллӣ дар муҳити тиҷорат, ки дар натиҷаи пешрафти босуръати технологӣ ба вуҷуд омадааст, вобаста аст. Рақамикунонӣ на танҳо равандҳои амалиётӣ, балки моҳияти қабули қарорҳои идоракуниро низ тағйир дода, аз ширкатҳо талаб мекунад, ки таҳлили маълумот бештар фасеҳ, ҷавобгӯ ва амиқ бошанд. Усулҳои баҳисобгирии идоракунии анъанавӣ, ки ба маълумоти таърихӣ ва амалиёти дастӣ асос ёфтаанд, дигар наметавонанд дастгирии иттилоотии заруриро барои идоракунии самаранок дар шароити зудтағйирёбандаи иқтисодиёт таъмин кунанд. Ҷорӣ намудани абзорҳои нави рақамӣ ва

усулҳои таҳлилӣ омили муҳими рақобатпазирӣ ва рушди фаъолияти тиҷоратии ширкатҳо мегардад.

Иқтисоди рақамӣ бо дараҷаи баланди автоматизатсия, истифодаи маълумоти бузург, технологияҳои абрӣ тавсиф мешавад. Ин барои баҳисобгирии идоракунӣ имкониятҳои навро дар самти муносибгардонии равандҳои тиҷоратӣ, беҳтар кардани дақиқии пешгӯӣ ва самараноктар назорат кардани захираҳо ва хароҷот фароҳам меорад. Дар иқтисоди рақамӣ нақши таҳлили пешгӯишаванда ва моделсозии равандҳои бизнес меафзояд. Баҳисобгирии идоракунӣ бо воситаҳои омӯзиши мошинӣ имкон медиҳад, ки пешгӯиҳои дақиқи талабот, муносибгардонии нархгузорӣ, идоракунии хатарҳо ва қабули қарорҳои стратегӣ дар асоси таҳлили ҳаҷми калони маълумот фароҳам ояд. Ин ба ширкатҳо бартарии назарраси рақобатпазириро муҳайё намуда ба онҳо имкон медиҳад, ки ба тағйироти дар бозор баамалоянда зуд мутобиқ шаванд ва захираҳои мавҷударо самараноктар истифода баранд. Ҳамчунин ҷорӣ намудани баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити татбиқи иқтисоди рақамӣ ва усулҳои таҳлилӣ ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки фаъолияти худро пурратар ва дақиқтар фаҳманд, равандҳои бизнесро муносиб гардонанд, самаранокии `қарорҳои идоракуниро баланд бардоранд ва мавқеи худро дар бозор мустаҳкам кунанд.

Ҳамин тариқ, коркарди нокифояи масъалаҳои нишондодашуда асосноккунӣ ва коркарди ҷанбаҳои назариявию методӣ ва ташкилии пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисоди рақамиро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, мавзуи мазкур ниҳоят муҳим буда, таваҷҷуҳи ҷиддии ҳам олимон ва ҳам мутахассисони касбии амалкунандаро тақозо мекунад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) таҳия шудааст. Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардрида, дар кафедраи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шудааст.

3. Хулосаи дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тибқи талаботи банди 42 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) таҳия ва қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

4. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34-и Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

5. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), ки тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 декабри соли 2021, таҳти № 349 ба шурои диссертатсионӣ ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур додааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 25 майи соли 2023, таҳти № 6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

6. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 5,2 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 5,0 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 34 ва сархати аввали банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯ мебошад.

7. Дар диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шуданд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) гувоҳӣ медиҳад.

Асолати матни автореферати диссертатсия 76,95 % ва диссертатсия 80,09 % аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият даровардa шуданд.

8. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Сайфиддинзода С.С. маълумоти носаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чопнагардида мавҷуд нест.

9. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ва талаботи бандҳои 67, 69, 74-75, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ба ӯҳда гирифта, комиссияи экспретии шурои диссертатсионӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) ба шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- Шарифов Зариф Раҳмонович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

- Раҳимов Саидалӣ Холович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити факултети баҳисобгирӣ-иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ **Собирзода Н.М.**

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ **Қурбонов А.К.**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ **Дадоматов Д.Н.**